**Аз банкомат чӣ тавр бояд истифода бурд?**

***Маводи мазкур барои онҳое, ки ягон дафъа аз банкомати пулгирӣ истифода набурдаанд, дастур шуда метавонад. Мо кӯшиш намудем, ин ҷо тартиби чӣ гуна аз банкомат гирифтани пулҳои дар корт мавҷудбударо шарҳ бидиҳем. Албатта, ҳар бонк таъминоти барномавии хосаи худро дошта метавонад, аммо қоидаҳои асосии истифодабарии банкоматҳо ягона аст.***



Технологияи рақамӣ рӯз ба рӯз ҳарчӣ бештар ҳаёти моро фаро мегирад. Ҳамарӯза мо дар дохили биноҳо, иншооти маишӣ, нуқтаҳои савдо ва марказҳои гуногуни хизматрасонӣ таҷҳизоти гуногуни электрониро дучор меоем, ки шаҳрвандони синну соли гуногун аз он истифода мебаранд. Дар ҳамин ҳол, истифодабарии кортҳои пардохти бонкӣ низ вусъат меёбад, зеро ҳамакнун бештари идораву корхонаҳо музди меҳнат, нафақа ва стипендияро тариқи корти бонкӣ пардохт мекунанд. Ба қавле, имрӯз корти бонкӣ як ҷузъи зиндагии мо гаштааст.

Баъзан ба ҳолатҳое дучор мешавем, ки одамон барои аз банкомат гирифтани маблағ корт ва рамзи худро ба ягон роҳгузар бовар мекунанд. Ҳол он ки чунин амал кори дуруст нест. Касе кафолат дода наметавонад, ки шахси тасодуфӣ фиребгар нест! Аз ин рӯ, ҳеҷ гоҳ корти худро ба шахси ношинос надиҳед ва аз ҳама муҳим рамзи корт ва ё пин-коди худро махфӣ нигоҳ доред!

Бехтараш истифодабарии корт ва муомила бо банкоматро омӯзед, ё барои гирифтани маблағи худ ба нафаре муроҷиат кунед, ки ба ӯ метавонед 100% бовар намоед.

### Тартиби истифода бурдан аз банкомат

Тасаввур кунед, ки шумо ба ягон бонк ё маркази хизматрасонӣ ворид мешавед. Барои дуруст истифода бурдани корти бонкӣ ва ё гирифтани маблағ кадом амалҳоро бояд ба анҷом расонед?

### Интихоби банкомат

Пеш аз ҳама банкоматеро ёбед, ки ба бонки шумо тааллуқ дошта бошад. Зеро дар сурати истифода бурдан аз банкомати ташкилоти қарзии бегона, ҳатто барои санҷидани бақияи маблағи корт низ, аз ҳисоби шумо як миқдор маблағ барои хизматрасонӣ ситонида шавад. Аз ин рӯ, аз банкоматҳои бегона кӯшиш кунед, камтар истифода баред.

Аксаран бонкҳои фаъол барои бештар дастрасӣ доштани муштариёнашон банкоматҳои худро дар нуқтаҳои серодам ҷойгир менамоянд. Барои ҳамин, агар фурсат дошта бошед, банкомати бонки худро пайдо кунед.

### Корти бонкиро ба куҷо бояд гузошт?




Баъд аз он, ки банкомати хешро пайдо намудед, корти бонкии худро ба он гузоред. Барои ин амал сурохии махсус мавҷуд аст, ки бештар дар тарафи чапи экран ё поёнтар аз он ҷойгир мебошад.

### Тарзи дурусти гузоштани корт

Кортҳои бонкӣ аз як тараф хати магнитӣ доранд. Ҳангоми пеш кардани корт ба сурохии банкомат тарафи хати магнитдори он бояд аз поён бошад. Ва агар корт дорои чип бошад, тарафи чипдор бояд ба пеш гузошта шавад.

**Дар банкоматҳои бархе аз бонкҳо намунаи тарзи пешниҳоди корти бонкӣ дар шакли тасвирӣ низ гузошта шудааст.**

Аз ҳама муҳим, вақти истифодабарии корти бонкӣ ба монитори банкомат диққат диҳед! Пешниҳоди дурусти корт, интихоби амалиёт ва анҷом ёфтани он дар монитор нишон дода мешавад!

## Интихоби забон

Аксари банкоматҳо барои идома додани амалиёт сараввал интихоби забонро (SELECT LANGUAGE) талаб менамоянд. Барои ин, шумо бояд забони муошират (тоҷикӣ, русӣ ё англисӣ)-ро, тариқи пахш намудани тугмачаи паҳлуи он, интихоб кунед.

## Санҷишӣ бақияи суратҳисоб

Пеш аз он, ки маблағатонро нақд намоед, шумо метавонед суратҳисоби худро бисанҷед, то чӣ қадар маблағ дорад. Ин яке аз имкониятҳои муфиди пешниҳоди банкоматҳо мебошад.

Барои ин, банкомат аз шумо рамз (пин-код)-ро мепурсад. Дар поёни монитор тугмачаҳои рақамдор ҷойгир шудааст, ки шумо он ҷо бояд рамзи худ (адади чор рақама)-ро чинед. Ҳангоми чиндани рақамҳо дар экрани монитор ба ҷойи рақам ситорачаҳо пайдо мешаванд. Баъди чинда шудани рақам тугмачаи воридшавӣ (ENTER)-ро зер кунед. Баъдан, дар экран навиштаи «Бақияи суратҳисоб»-меёбед ва тугмачаи дар паҳлӯи он бударо зер мекунед



**Барои эҳтиёт, хуб мебуд, агар вақти чиндани рамзи корти бонкии худ бо дасти дигаратон онро пӯшонида истед!**

Агар шумо дар вақти чиндани рақам ба хатогӣ роҳ диҳед, тугмачаи воридшавиро пахш накарда, тугмачаи қатъкунии (сброс) амалиётро зер кунед, маълумоти воридшуда пок мешавад. Баъди ин, шумо метавонед аз нав пин-кодро ворид намоед.

**Кӯшиш кунед, ба хатогӣ роҳ надиҳед: агар шумо якчанд маротиба пин-коди нодурустро ворид намоед, дастрасӣ ба корти бонкии шумо баста мешавад.**

Пас аз ин, аз шумо пурсида мешавад: расиди амалиётатонро чоп мекунед ё не? Ҳамон амалиётеро интихоб намоед, ки барои шумо даркор аст.

Агар пас аз ин, дигар амалиётеро анҷом доданӣ набошед, метавонед корти худро баргардонида гиред.

## Гирифтани маблағ аз корт



Барои гирифтани пули нақд, баъди пешниҳоди корти бонкӣ ва чиндани пин-код шумо бояд тугмачаи “Пардохти пули нақд”-ро зер кунед. Ба шумо якчанд миқдори маъмулӣ барои нақдикунонии маблағатон пешниҳод мегардад. Шумо метавонед, яке аз онҳоро интихоб намоед ва ё бо пахш кардани тугмачаи “маблағи дигар” адади маблағи дилхоҳатонро ворид намуда, мабалағи даркориро аз банкомат нақд бигиред.

**Ҳангоми ворид намудани маблағи зарурбуда ба он диққат диҳед, ки аз рӯи қоида он бояд ба миқдори яклухт баробар**

**бошад, (яъне он бебақия тақсим шавад): 50 сомонӣ, 100 сомонӣ, 500 сомонӣ ва ғайра. Ҳангоми ворид намудани миқдори нодурусти маблағ, банкомат онро қабул намекунад, барои ислоҳи он шумо адади дурустро бичинед.**

Баъд аз амалиёти мазкур корти шумо баргардонида шуда, ба шумо пул дода мешавад. Дар ҳолати лозимӣ бо хоҳиши шумо банкомат расиди амалиётро низ пешниҳод мекунад.

**Бақияи маблағе ки дар корти шумо боқӣ мемонад, ҳеҷ куҷо ғайб намезанад. Тамоми маблағҳое, ки ба корти шумо минбаъд ворид мегарданд, ба бақияи дар он боқимонда зам мешаванд.**

**Чанд маслиҳати муфид барои истифодаи дурусти банкомат**

- ***Рамз ва ё пин-коди худро аз ёд намуда, онро махфӣ нигоҳ доред. Пин-кодатонро бодиққат ворид кунед, то ба хатогӣ роҳ надиҳед.***
- ***Тамоми навиштаҷотеро ки дар экран пайдо мешавад, бодиққат хонед.***
- ***Корти бонкиро барбари баргардонидани банкомат дарҳол бояд гирифт, зеро одатан ҳангоми зуд нагирифтани корт банкомат онро аз нав фурӯ мебарад. Ҳамин гуна ҳолат ба маблағи пешниҳодшуда низ дахл дорад. Бодиққат бошед!***
- ***Дар сурати рух додани ҳолатҳои ғайриинтизор, яъне агар банкомат кортатонро барнагардонд, бо телефони бонк занг занед. Тибқи қоида рақами телефони бонк дар ҷойи назарраси банкомат дарҷ мегардад.***